**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «29» 06 соли 2021 № 236/ҷи ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Амиршоева Манзура Пирмуҳамадовна дар мавзӯи «Идейно – тематические особенности рассказов Джилани Бано» аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) бинобар риоя нагардидани талаботи банди 40 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва банди 50 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия (карори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Амиршоева Манзура Пирмуҳамадовна рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Амиршоева Манзура Пирмуҳамадовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, №6.

Раис Розиқзода А.